**ҚИЁМИДДИН МИРАЛИЕВ**

# ДАСТУРИ МЕТОДИЮ АМАЛӢ: БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2015

## МАҶМӮАИ №12-01

Душанбе 2012

# ДАСТУРИ МЕТОДИЮ АМАЛӢ: БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2015

Дастури мазкур фарогири Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 буда, барои истифода ба мутахассисони масъули макомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ пешниҳод карда мешавад.

**Масъулони таҳия**:

**Ҷӯраев К.К.** - муовини аввали Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Миралиев Қ.А.** - мудири Шӯъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ

**Зери тахрири**:

Мутахассисони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои адлия, иқтисод, молия, маориф, мудофиа, фарҳанг, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин ва назорати маводи нашъадор.

# ПЕШГУФТОР

Дар раванди мутобиқшавӣ ба ҷаҳони муосир қишрҳои муайяни одамонро, бахусус ҷавононро бинобар имкониятҳои маҳдуди рушд доштанашон мушкилоти зиёд пеш омадааст. Дар роҳи бартараф намудани мушкилоти ҷавонон дар арсаи ҷаҳонӣ тадбирҳои гуногун андешида шуда истодаанд ва амалигардии сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи қисми зиёди кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи ин тадбирҳост.

Сиёсати давлатии ҷавонон системаи тадбирҳое мебошад, ки барои бартараф сохтани мушкилоти ҳаётии ҷавонон ва мусоидат намудан ба худташаккулёбӣ ва худамалигардии ҷавонон равона гардидааст. Пайваста дар ин самт дар сатҳи кишварҳо санадҳои гуногуни меъёрию ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатию ҷамъиятӣ мунтазам қабул ва амалӣ гардида истодаанд, ки дар умум онҳо механизми амалисозии сиёсати давлатии ҷавононро ташкил медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ дар самти табиқи сиёсати давлатии ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020 ва як қатор барномаҳои давлатӣ амалӣ гардида истодаанд.

Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 аз қабили ҳамин тадбирҳо буда, бори нахуст бо дарназардошти тамоми соҳаҳои таъсиррасон, имкониятҳои минтақаҳо ва маҳалҳо таҳия гардидааст. Дар Барнома арзиш, андоза ва талаботи молиявии сиёсати давлатии ҷавонон ва сатҳи маблағгузорӣ дар маҳалҳо дар солҳои 2010-2011 оварда шудааст, ки нуқтаи муҳим дар пешрафти соҳа маҳсуб мегардад.

Дастур, ки аслан фарогири Барномаи миллии рушди

иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 мебошад, барои истифода ба мутахассисони масъули мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ тавсия карда мешавад.

Бахсус масъулони мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавононро зарур аст, ки дар доираи Барнома ва дар асоси банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» аз 2 ноябри соли 2012 №620 ва бо дарназардошти имкониятҳо маҳал барномаҳои минтақавӣ (вилоятӣ) ва маҳаллиро таҳия ва дар мӯҳлати наздиктарин тасдиқ намоянд.

Ҳамчунин, масъулони мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавононро зарур аст, ки ба сохтори таркибии Барнома аҳамияти ҷиддӣ зоҳир карда, барномаҳои маҳаллиро бо фарогирии соҳаҳои афзалиятноки он таҳия намоянд.

Дар оянда ҷараёни татбиқи Барнома чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чӣ дар сатҳи маҳалҳо пурра ба таври электронӣ ва худкор ҳамоҳанг сохта мешавад, ин маънои онро дорад, ки ҷараёни амалисозии тамоми чорабиниҳои ба нақша гирифташуда, мунтазам ҳамоҳанг сохта мешавад ва пайваста ба ин арзёбӣ ва баҳогузорӣ мегарданд.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

**аз 2 ноябри соли 2012 №620 ш.Душанбе**

## Дар бораи Барномаи миллии рушди ичтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, стратегия, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат доир ба масъалаҳои ҷавонон, инчунин фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушди иҷтимоии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 муайян гашта, ҳамзамон вазифадор карда шавад, ки якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи Барномаи мазкур дар доираи

маблағҳои пешбинишуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар асоси Барномаи мазкур барномаҳои маҳаллии ҷавононро таҳия намуда, тибқи тартиби муқарраргардида маблағгузории онро таъмин намоянд.

4. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои амалишавии Барнома ҳар сол то моҳи декабр ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намояд.

5. Қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, №561 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013»;

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №208 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013».

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

# РӮЙХАТИ ИСТИЛОҲОТ

| | |
|---|---|
| АНМН | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Барнома | Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2013-2015 |
| БМҶ | Корхонаи воҳиди давлатии «Биржаи меҳнатии ҷавонон» |
| БСҶ | Бемориҳои сироятии ҷинсӣ |
| Бҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| ВНМО/БПНМ | Вируси норасоии масунияти одам/Бемории пайдошудаи норасоии масуният |
| ВКД | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМФ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМД | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВФ | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМҲИА | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТ | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МҶ | Корхонаҳои воҳиди давлатии «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо» |
| МҶИТҶ | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» |
| МҶФҶО | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно» |
| Мғ | Манбаҳои ғайрибуҷетӣ |
| КСҶ | Корхонаи воҳиди давлатии «Клуби соҳибкорони ҷавон» |
| КДСИАД | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КЗО | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҶВС | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КТР | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИҶҶ | Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| СҶ | Соҳибкорони ҷавон |

# 1. ПЕШГУФТОР

Дар шароити дигаргунисозиҳои ҷаҳонӣ муқаррар кардани чаҳорчӯбаҳо ва меъёрикунонии муносибат нисбат ба қишрҳои муайяни ҷомеа, бахусус ҷавонон, киояндаро месозанд, тақозои замон мебошад. Бо дарназардошти он ки Тоҷикистон давлати ҷавон аст ва қувваи асосии ҷисмониро низ ҳамин насл ташкил медиҳад, барои он муайян намудани ҷабҳаҳои фаъолият ва дурнамо нисбат ба насли ҷавон мувофиқи мақсад аст.

Зарурати дигари меъёрикунонии муносибатҳои ҷавонон дар он аст, ки Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш қарор дорад ва онро зарур аст, ки соҳаҳои афзалиятнок ва таъсиррасони ҷамъиятиро муайян созад ва баҳри тараққиёти кишвар фаъолиятро дар чаҳорчӯбаи он афзалиятҳо роҳандозӣ намояд.

Яке аз чунин афзалиятҳо, ин ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Зарурати ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ ва таърихи эътирофи он, ҳамчун амри тақдир ва тақозои замон ба шумор рафта, дар баробари он муҳимтарин хусусияти он аз нигоҳи сиёсиву иҷтимоӣ дар баробари арзишҳои дигар дар радифи аввал қарор додани инсон ва захираҳои инсонии кишвар аст. Дар мамлакате, ки аз назари демографӣ пайваста дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва беш аз 70% аҳолии онро насли ҷавон ташкил медиҳад, таҳияву татбиқи ин сиёсат дорои аҳамияти бузург мебошад.

Тадбирҳои мунтазами Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди ин сиёсат ҷавононро ба раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд пешбарӣ намуда, дар ташаккули мукаммали шахсияти онҳо накши умдаву муассир бозид. Бахусус, қабул ва амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати

давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, таҳия ва амалигардонии муттасил ва пайвастаи сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон дастовардҳои назаррас ба бор оварданд.

Ҳамчунин, ба сиёсати ҷавонон чун ба самти стратегӣ ва афзалиятноки бахши сиёсати давлатӣ дар тамоми давраҳои инкишофи ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса дода мешуд.

Яке аз хусусиятҳои асосии Барномаи мазкур дар он аст, ки самтҳои муҳими он бо дарназардошти талабот ва зарурати вусъати фаъолияти соҳа тарҳрезӣ гардидаанд. Дар ин замина метавон масъалаи беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим, тарбияи ватандӯстӣ ва маънавӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва рушди ҳаракати ҷамъиятии ҷавононро мисол овард.

Дар воқеъ, имрӯз ҷавонони кишвар дар марҳилае ҳаёту фаъолият доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, мушкилоти зиёде низ садди роҳи зиндагии онҳо гаштааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшишу талошҳои муайян маҳз барои бартараф сохтани мушкилоти ҳаётии ҷавонон ба харҷ дода, баҳри рушду такомули онҳо мусоидат менамояд. Барномаи навбатӣ аз қабили ин тадбирҳо буда, бо дарназардошти талаботи замона, таҷрибаи пешрафтаи иқтисодию идоракунӣ, дастовардҳои илму техника, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти давлати соҳибистиқлол таҳия гаштааст.

Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар **Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** 20 **апрели соли** 2012 таъкид намуданд, ки «На›ш ва иштироки ҷавонон дар сиёсат, рушди соіаіои иҷтимоӣ ва и›тисодӣ хеле назаррас мебошад. Раванди ташаккули маърифати сиёсӣ моро водор месозад, ки ба іар як падидаву іаводисе, ки дар кишварамон

ва минта›аіои мухталифи олам ба ву›ӯъ меоянд, баіои во›еӣ дода, мав›еи худ ва манфиати ватанамонро іимоя карда тавонем.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки Вазорати маориф ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёіӣ дар самти ташаккули маърифати сиёсиву іу›у›ии ҷавонон ва дар рӯіияи ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия кардани насли ҷавон барномаіои алоіидаи давлатиро таіия карда, ба Іукумат пешниіод намоянд.».

Ҳамин тариқ, Барномаи мазкур бо дарназардошти дастуру супоришҳои сарвари кишвар ва тавсияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва таҳрир гашта, ҳамаи қувва барои татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон равона мегардад.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

1. Зарурати ба тасвиб расонидани чунин як Барномаи маҷмӯӣ барои ҷавонон тақозои ҷомеаи муосир буда, дар шароити гузариш ва раванди тараққиёбии кишвар бахри устуворӣ ва пояндагии ояндаи миллату давлати тоҷик асоси муносиб мегузорад.

2. Барномаи миллии “Ҷавонони Тоҷикистон” ҳамчун механизми амалӣ бахри татбиқи босамари афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардидааст.

3. Зарурати воқеии таҳия ва амалигардонии Барнома ба якчанд рукнҳои ҳаётӣ ва омилҳои дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ пайдогардида асос меёбад.

4. Дар ҷаҳони муосир бисёр кишварҳоро тамоюли пиршавии аҳолӣ таҳдид карда истодааст, ки боиси нигаронӣ гардидааст. Вале хушбахтона ин тамоюл нисбат ба Тоҷикистон ҷой надорад, чун он аз нигоҳи аҳолӣ ҷавон аст (70% аҳолиро шахсони то 30 сола ташкил медиҳанд). Ҳамчунин, шахсони дорои қобилияти корӣ ва ё ҷавонони

14-30 сола дар тӯли 20 соли истиқлолияти давлатӣ то ба 60,3% афзоиш ёфтаанд ва теъдоди онҳо имрӯз 2 715 000 нафарро (35% аҳолӣ) ташкил медиҳад, ки инъикосгари ҷавон будани аҳолӣ мебошад.

5. Дигар масъалае, ки боиси ташвиши ҷаҳониён гардидааст, ин ҳамарӯза афзоиш ёфтани омилҳои номатлуб дар байни насли ҷавон, аз қабили ҳолатҳои терористӣ, экстремистӣ, ифротгароӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ҷиноятгорӣ, хариду фурӯши инсон, танфурӯшӣ ва ғайра, ки ҳаёти ҷамъиятиро халалдор карда, ба амнияти миллию давлатӣ таҳдид мекунад, мебошад.

6. Дар шароити Тоҷикистон, ки аксариятро насли ҷавон ташкил медиҳад, ин масъала бояд дар мадди аввал қарор дошта бошад. Барои мисол, дар солҳои 2010 ва 2011 сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон то 21,6% ва дар байни ноболиғон 2,8%, ҳолатҳои нашъаҷалобӣ 10,6%, фоҳишагӣ дар байни духтарон 4,9% ва дар байни ноболиғон 31,6% афзоиш ёфтааст.

7. Дар ҷаҳони муосир дар шароити гузаштан ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ки аслан рушд додани имконоти техникии кишварҳоро тақозо мекунад, таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла сатҳи бо кор таъмингардии одамон танназул ёфта истодааст ва дар ниҳоят ба афзоишёбии сатҳи бекорӣ ва норозигии аҳолӣ боис гардидааст.

8. Дар шароити Тоҷикистон бошад, дар баробари таззодҳои технологияҳои иттилоотӣ, вазъи демографӣ низ, ки ба ҷавон будани аҳолӣ асос меёбад, ба зиёд гардидани мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла афзоиш ёфтани сатҳи бекорӣ боис гардидааст. Сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон дар соли 2011 28200 (58,6% аз ҳисоби умумӣ) ҳолатро ташкил дода, он нисбат ба соли 1991 3 маротиба зиёд гардидааст. Сатҳи зиёди бекорӣ ва бешуғлӣ дар байни ҷавонони 14-18 сола ҷой дорад. Дар соли 2011 31,2% бекоронро ҷавонони дорои маълумоти миёнаи нопурра ташкил додаст, ки он нисбат ба соли 2010 11% ва нисбат ба соли 1991 875% афзоиш ёфтааст.

9. Яке аз усулҳои тарбияи комили ҷавонон ва эмин доштани онҳо аз ҳар гуна падидаҳои номатлуб, ин ба шуғл ва кор фаро гирифтани онҳо мебошад. Тибқи омори расмӣ ҳамагӣ 27,4% (738900) ҷавонон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки барои ин ҳудудан 4000 муассисаҳои таълимӣ ташкил гардидаанд. Ҳамчунин, қариб 7000 ҷавонон дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Беш аз 4500 ҷавонон ба ҳайси хизматчии давлатӣ ва қисми муайян дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ фаъолият доранд. Дар бораи машғулияти дигар гурӯҳҳои ҷавонон маълумоти зарурӣ дастрас нагардид, ки дар ниҳоят аз теъдоди умумии ҷавонон тайи 55% онҳо бешуғл баҳогузорӣ мегарданд.

10. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти вазъияти баамаломада (таҳлили боло) зарурати таҳия ва татбиқи Барномаи маҷмӯии давлатии махсусгардонидашудаи нақшавӣ ва бонизом барои ҷавонон дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ ба вуқӯъ пазируфтааст. Боиси зикр аст, ки бо дарназардошти таҳлил ва асоснокии боло Барномаи маҷмӯии ҷавонони Тоҷикистон мунтазам тайи ҳар се сол, аз соли 1999 инҷониб таҳия ва амалӣ гардида истодааст. Бо дарназардошти он, ки Барнома хусусияти миллӣ дорад, татбиқи самараноки он аз маблағгузорӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар зер маблағгузории бевоситаи Барнома ва соҳаҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо таври умум оварда мешавад.

11. Вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва амалигардонии афзалиятҳои Барнома дар солҳои 2010-2011 маблағгузорӣ дар ҳаҷми 1927,76 млн. сомонӣ таъмин гардидааст(*Ҷадвали №*1), ки нисбат ба ММД ба ҳисоби миёна дар як сол 3,52%-ро ташкил медиҳад. Ин таносуб вобаста ба Барнома ва соҳаҳои алоҳида дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чунин аст:

- кор бо ҷавонон – 12,3 млн. сомонӣ;
- варзиш – 201,2 млн. сомонӣ
- фарҳанг – 138,7 млн.сомонӣ;
- маориф – 1554,5 млн. сомонӣ;

- тандурустӣ – 15,6 млн. сомонӣ;
- соҳибкорӣ – 5,4 млн. сомонӣ.

12. Гуфтаҳои боло бо дарназардошти соҳаҳои гуногуни афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон тартиб дода шудааст ва он ба таври нисбатан возеҳ дар ҷадвали №1 оварда мешавад.

Ҷадвали 1.

| Соҳаҳои афзалиятнок | Маблағи амалигардида (сол/млн.сом.) | | | | Ҷамъ (млн. сом.) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | 2011 | | |
| | Бҷ. | Мғ | Бҷ. | Мғ | |
| Кор бо ҷавонон | 2,63 | 1,9 | 3 | 4,8 | 12,33 |
| Барномаи ҷумҳуриявӣ | 0,7 | 1,7 | 0,8 | 4,6 | 7,8 |
| Барномаҳои маҳаллӣ | 0,5 | 0,2 | 0,5 | 0,2 | 1,4 |
| Нигаҳдошти Кумита | 1,21 | | 1,4 | | 2,61 |
| Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" | 0,22 | | 0,3 | | 0,52 |
| Варзиш | 83,8 | 0 | 50,2 | 67,2 | 201,2 |
| Сохтмони иншоотҳои варзишӣ | 79,5 | | 44,1 | 67,2 | 190,8 |
| Чорабиниҳои варзишӣ | 4,3 | | 6,1 | | 10,4 |
| Фарҳанг | 78,32 | 0 | 60,4 | 0 | 138,72 |
| Сохтмони иншоотҳои фарҳангӣ | 60,42 | | 36,6 | | 97,02 |
| Рушди китобхонаҳо | 13,2 | | 18,7 | | 31,9 |
| Нигаҳдошти осорхонаҳо | 3,9 | | 4,2 | | 8,1 |
| Нигаҳдошти ёдгориҳои таърихӣ | 0,8 | | 0,9 | | 1,7 |
| Маориф | | | | | |
| Стипендия | 15,8 | | 17,9 | | 33,7 |
| Омода намудани мутахассисон дар хориҷи кишвар | 5 | | 5,5 | | 10,5 |
| Қарзи имтиёзнок ба омӯзгорони ҷавон | 1,5 | | 1,7 | | 3,2 |
| Таҳсилоти ҷавонон | 534,5 | 127,9 | 608,2 | 236,5 | 1507,1 |
| Тандурустӣ | 7 | 0 | 8,6 | 0 | 15,6 |
| Пешгирии нашъамандӣ ва мубориза бар зидди нашъаҷалобӣ | 4,7 | | 5,2 | | 9,9 |
| Пешгирии ВНМО/БПНМ | 2,3 | | 3,4 | | 5,7 |
| Соҳибкорӣ | 2,6 | 0 | 2,8 | 0 | 5,4 |
| Қарзи имтиёзнок ба шахсони бекор | 1,6 | | 1,8 | | 3,4 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Таҳсилоти ҷавонон | 534,5 | 127,9 | 608,2 | 236,5 | 1507,1 |
| Тандурустӣ | 7 | 0 | 8,6 | 0 | 15,6 |
| Пешгирии нашъамандӣ ва мубориза бар зидди нашъаҷалобӣ | 4,7 | | 5,2 | | 9,9 |
| Пешгирии ВНМО/БПНМ | 2,3 | | 3,4 | | 5,7 |
| Соҳибкорӣ | 2,6 | 0 | 2,8 | 0 | 5,4 |
| Қарзи имтиёзнок ба шахсони бекор | 1,6 | | 1,8 | | 3,4 |
| Грант барои занони соҳибкор | 1,0 | | 1,0 | | 2,0 |
| Ҳамагӣ | 731,15 | 129,8 | 758,3 | 308,51 | 1927,76 |

13. Чӣ тавре аз ҷадвал дида мешавад маблағгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамасола рӯ ба афзоиш аст ва он дар таносуби ду соли таҳлилӣ 23,9%-ро ташкил додааст, ки боиси комёбист.

Ҷадвали №2



14. Аз ҷадвали боло маълум мегардад, ки қисми зиёди маблағгузорӣ ба ҷабҳаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон, бахусус таълим ва тарбияи онҳо равона гардидааст. Ҳамчунин, маблағгузорӣ дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим, бахусус тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ҷавонон низ боиси қаноатмандист. Фоизҳои ками маблағгузорӣ ба соҳаи рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон ва татбиқи амалии Барнома (ки тавассути Кумита амалӣ мегардад) рост меояд, вале он ҳам мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

15. Дар баробари ин, қисми зиёди маблағгузории соҳа (*Ҷадвали №*3) аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба амал баровarда мешавад, ки он инъикосгари ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат муқарар гардидани сиёсати давлатии ҷавонон мебошад.

Ҷадвали №3




16. Ҳамин тариқ, бо итминони комил зикр кардан мумкин аст, ки маблағгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон сол ба сол зиёд гардида истодааст. Агар маблағгузории соҳа дар соли 2010 860,9 млн. сомонӣ бошад, пас он дар соли 2011 1066,8 млн. сомониро ташкил додааст,

ки ин мутаносибан 23,9% афзоишро ташкил медиҳад.

17. Тибқи таҳлилҳои иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои рушди инсонӣ зарур аст, ки сатҳи маблағгузорӣ нисбат ба рукнҳои демографӣ мӯътадил бошад, яъне мутаносибан баробар бошад. Танҳо дар ҳамин ҳолат устувории фаъолият таъмин мегардад. Сатҳи маблағгузории Барнома нисбат ба тамоюли демографӣ дар Ҷадвали №4. ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

Ҷадвали №4




18. Чӣ тавре аз ҷадвали боло дида мешавад, маблағгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла Барнома дар давраи таҳлилӣ дар ҳоли афзоиш қарор дошта, он ба ҳар нафар ҷавон дар як сол то ба 364 сомонӣ рост меояд.

19. Имрӯз кишвар новобаста аз дигаргуниҳои муносибатҳои ҷаҳонӣ рӯ ба тараққӣ ниҳодааст, истиқлолият дорад, тинҷию оромӣ ҳукмфармо аст. Ҳамаи ин дастовардҳо ва омилҳо дар он вақт устувор ва абадӣ мегарданд, ки агар аксарият ба он эҳтиром гузоранд, дарк кунанд ва аз ҳар гуна қувваҳои бегона кишварро ҳифз

намоянд. Ва имрӯз ин аксариятро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аҳолии ҷумҳурӣ агар 7700000 бошад, пас 5 млн. онро насли ҷавон, яъне шахсони то 30 сола, ки ниёз ба таълиму тарбия ва дастгирии ҳамарӯза доранд, ташкил медиҳанд.

20. Бар ҳамин васила имрӯз баррасӣ гардидани Барномаи асосии ҷавонон, ки аз он ҳазорон нафар умед доранд ва он ягона механизми муассир ва ё пулест, ки дар шароити рушдёбии кишвар муносибати ҷавононро бо давлат ва ҷамъият (насли калонсол) мепайвандад, ташаккул медиҳад ва устувор мегардонад, мувофиқи мақсад аст.

21. Ҳамин тариқ, Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» дар таҳрири навбатӣ, яъне барои солҳои 2013-2015 бо дарназардошти таҳлили боло ва фарогирии тамоми мушкилоти ба вуқӯъ омада, таҳия гардидааст, ки амалисозии он ба татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ва иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар мусоидат менамояд.

## 3. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ҚАБУЛ ВА ТАТБИҚИ БАРНОМА

22. Заминаи меъёрии ҳуқуқии Барномаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, №228 тасдиқ шудааст, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №480 тасдиқ шудааст, банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012, №34 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012», қарори ҷаласаи

муҳокимаи ошкорои парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» аз 6 апрели соли 2012, №5 ва бандҳои 51 ва 56 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон **ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз** 20 **апрели соли** 2012 **зикр гардидаанд**, **ки бо** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2012, №177 тасдиқ шудааст, ташкил медиҳанд.

## 2. ҲАДАФҲО ВА СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМА

§ 1. Ҳадафи Барнома

23. Ҳадафи асосии Барнома, ин фароҳам овардани шароити мусоид ва имконоти муассир ҷиҳати худташаккулёбӣ, худамалигардонӣ, тарбия ва маърифатнокии комили ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон мебошад.

§ 2. Самтҳои афзалиятноки Барнома

24. Самтҳои афзалиятноки Барнома бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ ва талаботи воқеии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир, ҳамчунин дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, тавасути татбиқи босамари Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ба таври зайл муқаррар гардидаанд:

а) ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон;

б) рушди имконоти иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон;

в) рушди саломатии ҷавонон;

г) мусоидат ба таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон;

д) рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон;

е) такмили малакаҳои кории мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ.

§ 3. Вазифаҳои асосӣ

25. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи Барнома ва татбиқи босамари самтҳои афзалиятноки он зарур аст, ки тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

-фароҳам овардани заминаҳои мусоид ҷиҳати ташаккули фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон;

-тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва адои хизмати самараноки ҳарбӣ дар назди Ватан-модар;

-таблиғи ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, тамаддунофарӣ, фарҳангдӯстӣ ва аз худ кардани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар байни ҷавонон;

-ташаккули имкониятҳо дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ва фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон;

-дастгирии ташаббусҳои ҷавонон оид ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон;

-паст кардани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ, дар байни наврасону ҷавонон;

-мутобиқгардонии ҷавонон ба муносибатҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, шуғл ва

касбомӯзӣ;

- мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон, аз ҷумла рушди соҳибкорӣ дар байни онҳо;
- паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон;
- танзими муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон;
- мусоидат ба зиёд гардонидани шумораи марказҳои ҷавонон дар кишвар;
- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон дар самти пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ;
- муайян сохтани омилҳои сар задани зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон;
- баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон оид ба танзими оила ва солимии репродуктивӣ;
- фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои таҳсили ҷавонон, такмили ихтисос, тайёр намудани кадрҳо ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд;
- мусоидат ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ҷавонон дар мавриди омӯзиши забонҳо ва илм ва технологияи муосир;
- ташаккули механизмҳо ҷиҳати рушди эҷодкориҳо ва фаъолияти илмии ҷавонон;
- ҳавасмандгардонии хонандагон ва донишҷӯён дар таҳсили босамар ва фаъолнокӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ;
- фароҳам овардани шароит ҷиҳати муаррифӣ ва амалигардии корҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавон дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон;
- рушди Омори сиёсати давлатии ҷавонон ва устувор гардонидани имкониятҳои иттилоотии мақомоти давлатии кор бо ҷавонон;
- мусоидат барои фароҳам овардани замина ҷиҳати ташкили системаи иттилоотии ҷавонон дар заминаи технологияи муосир;
- устувор гардонидани заминаи илмию методии сиёсати

давлатии ҷавонон;

- такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон;

- рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон.

- ташаккули неруи зеҳнӣ ва эҷодии ҷавонон, таҳия ва татбиқи механизмҳои дастгирии ҷавонони лаёқатманд.

## 5. НАҚШАИ ТАТБИҚИ ЧОРАБИНИҲО

26. Нақшаи татбиқи чорабиниҳои зерин бо дарназардошти принсипҳои амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон ва дар доираи амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 амалӣ мегардад.

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлат | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| 1. Ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон | | | |
| 1. | Баргузории чорабиниҳои ҷумҳуриявии фарҳангӣ, фароғатию ҳуқуқӣ ва маънавию сиёсӣ вобаста ба фаъолгардонӣ ва мутобиқати ҷавонон ба талаботи ҷомеаи муосир | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф, Агентии назорати маводи нашъаовар, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно», КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. | Баргузории озмунҳо ва чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ дар байни сарбозон ва афсарони ҷавон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 3. | Таҳия ва татбиқи босамари Барномаи "Ихтиёриёни ҷавон" ҷиҳати ҷалби ҷавонон барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба тарзи ихтиёрӣ | 2013 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 4. | Татбиқи чорабиниҳо дар доираи Барномаи "Ихтиёриёни ҷавон" ҷиҳати ҷалби ҷавонон барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба тарзи ихтиёрӣ | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа, Вазорати маориф, Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 5. | Ташкил ва пахши барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ вобаста ба татбиқи босамари принсипҳои таблиғии сиёсати давлатии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф, Агентии назорати маводи нашъаовар, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно», КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», КВД “Биржаи меҳнатии ҷавонон”, КВД “Клуби соҳибкорони ҷавон”, Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 2. Рушди имконоти иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон | | | |
| 6. | Дастгирии лоиҳаҳои ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавонон дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ” | Ҳама сола (аввали сол) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 7. | Ташкили чорабиниҳои методию амалӣ дар самти рушди соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, Соҳибкорони ҷавон |
| 8. | Ташкили чорабиниҳо оид ба паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати мудофиа, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД “Биржаи меҳнатии ҷавонон”, КВД “Клуби соҳибкорони ҷавон”, КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 9. | Баргузории чорабиниҳо оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД "Биржаи меҳнатии ҷавонон", КВД "Клуби соҳибкорони ҷавон", КВД "Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо", Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 10. | Ташкили чорабиниҳои маърифатӣ оид ба бартараф намудани мушкилоти иҷтимоӣ дар ҳаёти оилаҳои ҷавон ва ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД "Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо", КВД "Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон", Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 11. | Дастгирии моддӣ ва молиявии ҷавонон аз оилаҳои камбизоат | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 12. | Баргузории чорабиниҳо оид ба пешгирии омилҳои номатлуб, аз қабили нашъаҷалобӣ, ғоратгарӣ, дуздӣ, одамкушӣ, хариду фурӯши одамон, таҷовуз ба номус ва ғайра дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф, Агентии назорати маводи нашъаовар, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно», КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 13. | Ташкили чорабиниҳои маърифатию омӯзишӣ ва методӣ оид ба таъсис ва рушди фаъолияти марказҳои ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 14. | Дастгирии моддӣ ва молиявии марказҳои ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, Марказҳои ҷавонон |
| 3. Рушди саломатии ҷавонон | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 15. | Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО ва БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф, Агентии назорати маводи нашъаовар, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно», КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 16. | Баргузории таҳқиқотҳои сотсиологӣ оид ба муайян сохтани омилҳои сар задани зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | 2013, 2015 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 17. | Ташкили чорабиниҳои маърифатӣ оид ба масъалаҳои танзими оила ва саломатии репродуктивии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно», КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. Мусоидат ба таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон | | | |
| 18. | Ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод | Ҳамасола (соле як маротиба) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 19. | Амалигардонии Ҷоизаи Кумита оид ба эҷодиёти ҷавонон | Ҳамасола (соле як маротиба) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф, Кумитаи телевизион ва радио, Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 20. | Дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод дар амалигардонии эҷодиёти онҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф, Кумитаи телевизион ва радио, Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 21. | Ташкили курсҳои иловагии омӯзиши забонҳои хориҷӣ, малакаҳои кор бо технологияи иттилоотӣ, дузандагӣ, қолинбофӣ ва ғайра | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», КВД "Клуби соҳибкорони ҷавон", Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, Марказҳои ҷавонон |
| 22. | Амалигардонии стипендияи Кумита барои ҷавонони фаъоли кишвар аз ҳисоби хонандагон ва донишҷӯён | Ҳамасола (барои нӯҳ моҳи таҳсил) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф |
| 5. Рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 23. | Таъсиси Маркази миллии такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | 2014 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ |
| 24. | Мусоидат ба олимон ва муҳаққиони ҷавон дар самти амалигардонии тадқиқотҳои илмию амалӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф |
| 25. | Баргузории конференсияҳои илмию амалӣ вобаста ба амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон | Ҳамасола (соле як маротиба) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 26. | Такмили омори сиёсати давлатии ҷавонон | 2013-2014 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 27. | Баргузории тадқиқотҳои сотсиологӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон |
| 28. | Таҳия ва чопи маводи илмӣ, методӣ ва амалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» |
| 29. | Ташкили китобхона вобаста ба амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир | 2013-2014 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо» |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6. Такмили малакаҳои кории мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ | | | |
| 30. | Баргузории давраҳои омӯзишӣ барои такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, КВД «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо» |
| 31. | Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ |
| 32. | Ташкили чорабиниҳо дар самти таблиғи ғояҳои фарҳанги миллӣ дар байни ҷавонони хориҷии муқими Тоҷикистон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ |

# 6. МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

27. Ҳаҷми умумии маблағузории Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2013-2015 8061,2 ҳазор сомониро ташкил дода, аз он 6328,9 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва 1732,3 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби дигар манбаъҳо ташкил дода мешавад.

28. Ҳамин тариқ, тақсимоти маблағгузории Барнома вобаста ба соҳаҳои афзалиятнок дар ҷадвали зерин оварда шудааст (1 - буҷети ҷумҳуриявӣ, 2 - дигар манбаҳо):

| | Зербарномаҳо | 2013 | | 2014 | | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 1 | 2 | 1 | 2 |
| 1. | Ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон | 297,0 | 40,0 | 335,8 | 0,0 | 403,0 | 0,0 |
| 2. | Беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон | 696,0 | 270,0 | 820,4 | 326,0 | 984,5 | 392,2 |
| 3. | Рушди саломатии ҷавонон | 175,0 | 150,0 | 225,3 | 196,0 | 234,3 | 151,2 |
| 4. | Мусоидат ба рушди таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон | 214,0 | 0,0 | 266,1 | 0,0 | 319,3 | 0,0 |
| 5. | Рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон | 180,0 | 15,0 | 357,0 | 60,0 | 340,4 | 33,6 |
| 6. | Такмили малакаи кории мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ | 130,0 | 27,0 | 159,5 | 32,4 | 191,4 | 38,9 |
| | Ҳамагӣ: | 1692,0 | 502,0 | 2164,1 | 614,4 | 2472,9 | 615,9 |

29. Маблағгузории Барнома дар асоси Нақшаи табиқи чорабиниҳо ва Нақшаи маблағгузории чорабиниҳо (замима мегардад) ва усулҳои зерин дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад:

§ 1. Бевосита

30. Маблағҳои Барнома бевосита тариқи Дастгоҳи марказии Кумита, сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии (ташкилотҳои зерсохторӣ) сохтор, корхонаҳои воҳиди давлатии «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо» ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон (дар асоси шартномаи ҳамкорӣ) амалӣ гардонида мешаванд. Яъне, дар ин ҳолат ҷараёни маблағгузорӣ тартиби махсус ва ё мувофиқаи иловагиро талаб намекунад ва он бевосита аз ҷониби Кумита татбиқ мешавад.

§ 2. Бавосита

31. Маблағгузории Барнома бавосита, яъне тавассути ташкили озмунҳо оид ба фармоиши иҷтимоии давлатӣ (дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ») сурат мегирад. Барои ин, дар сатҳи Кумита аз ҳисоби мутахассисони соҳаҳои алоқаманд Комиссия таъсис дода мешавад. Комиссия барои қабул, баҳогузорӣ ва муайян кардани ғолибон масъул карда мешавад.

32. Озмунҳо дар доираи Барнома оид ба фармоиши иҷтимоии давлатӣ соле як маротиба дар аввалҳои сол ташкил карда мешавад, ки дар он метавонанд танҳо корхонаҳои воҳиди давлатии «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо», иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва корхонаҳои махсусгардонидашуда (ширкатҳо (дар сурати хариди мол) ширкат варзанд.

## 7. ҲАМОҲАНГСОЗӢ ВА АРЗЁБИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

33. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба татбиқи Барнома амалӣ

менамояд, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мутобиқ намудани чорабиниҳои Барнома, бо дарназардошти вазъияти иҷтимоию иқтисодии мавҷуда пешниҳод манзур намуда, назорати истифодаи мақсадноки маблағҳоро таъмин менамояд.

34. Идора намудани ҷараёни татбиқи Барнома аз ҷониби Комиссияи махсуси Барнома, ки онро Ҳайати мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон таъсис медиҳад, сурат мегирад.

## 8. НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ БАРНОМА

35. Натиҷаҳои татбиқи Барнома аз рӯи нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати ҳаёти ҷавонон ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо бо ҷомеа арзёбӣ карда мешавад. Татбиқи чорабиниҳои Барнома имконият медиҳад:

- ҷиҳати ташаккули ҷабҳаҳои фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон заминаҳои мусоид фароҳам оварда мешавад;
- ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва адои хизмати самараноки ҳарбӣ дар назди Ватан-модар тарбия меёбанд;
- дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ва фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон имкониятҳои зарурӣ ташаккул дода мешавад;
- ташаббусҳои ҷавонон дар самти татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон дастгирӣ меёбанд;
- сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ, дар байни наврасону ҷавонон мӯътадил мегардад;
- ҷавонон ба муносибатҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, шуғл ва касбомӯзӣ мутобиқ гардонида мешаванд;
- барои мустақилияти иқтисодии ҷавонон, аз ҷумла

рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон шароитҳо фароҳам оварда мешавад;

- сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон мӯътадил мегардад;

- раванди муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон ба танзим дароварда мешавад;

- муносибатҳои оилавӣ дар байни ҷавонон таҳким дода мешаванд;

- теъдоди марказҳои ҷавонон дар кишвар зиёд мегардад;

- сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон дар самти пешгирии бемориҳои сроятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ баланд мегардад;

- омилҳои сар задани зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон муайян карда мешавад;

- сатҳи маърифатнокии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон оид ба танзими оила ва солимии репродуктивӣ баланд мегардад;

- барои таҳсили ҷавонон, такмили ихтисос, тайёр намудани кадрҳо ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд заминаҳои мусоид ташаккул меёбад;

- барои ҷавонон дар мавриди омӯзиши забонҳо ва фаро гирифтан бо илм ва технологияи муосир шароити алоқаманд фароҳам оварда мешавад;

- механизмҳо ҷиҳати рушди эҷодкориҳо ва фаъолияти илмии ҷавонон ташаккул дода мешаванд;

- хонандагон ва донишҷӯён барои таҳсили босамар ва фаъол будан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҳавасманд гардонида мешаванд;

- ҷиҳати муаррифӣ ва амалисозии корҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавон дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон шароити муосид фароҳам оварда мешавад;

- Омори сиёсати давлатии ҷавонон ва системаи иттилоотии ҷавонон бо истифода аз технологияи муосир ташаккул меёбад;

- заминаи илмию методии сиёсати давлатии ҷавонон

устувор мегардад;

- малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон такмил меёбад;

- муносибатҳои байналмилалӣ дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон рушд меёбад.

- неруи зеҳнӣ ва эҷодии ҷавонон ва механизмҳои дастгирии ҷавонони лаёқатманд ташаккул меёбад.

Замима ба Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

## 9. НАҚШАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМА

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Хароҷоти молиявӣ (бо ҳазор сомонӣ) "Бҷ"-Буҷети ҷумҳуриявӣ, "Мғ"-манбаҳои ғайрибуҷетӣ | | | | | | Ҳамагӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | | 2014 | | 2015 | | | | |
| | | Бҷ | Мғ | Бҷ | Мғ | Бҷ | Мғ | Бҷ | Мғ | Ҷамъ |
| **I. Ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 1. | Баргузории чорабиниҳои ҷумҳуриявии маърифатӣ, фароғатию ҳуқуқӣ ва маънавию сиёсӣ вобаста ба фаъолгардонӣ ва мутобиқати ҷавонон ба талаботи ҷомеаи муосир | | | | | | | | | |
| 1.1 | Чорабиниҳои маърифатию маънавӣ бахшида ба санаҳои таърихӣ ва миллӣ | 50,0 | | 57,5 | | 69,0 | | 176,5 | 0,0 | 176,5 |
| 1.2 | Бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ - 1 декабр | 10,0 | 20,0 | 11,5 | | 13,8 | 0,0 | 35,3 | 20,0 | 55,3 |
| 1.3 | Фестивали дӯстии ҷавонон | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |
| 1.4 | Мулоқотҳо дар байни ҷавонон оид ба фаъолнокии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.5 | Лагери ҷумҳуриявии тобистона барои наврасон ва ҷавонони лаёқатманд | 25,0 | | 28,8 | | 34,5 | | 88,3 | 0,0 | 88,3 |
| 1.6 | Мулоқотҳо дар байни ҷавонон оид ба пешгирии омилҳои номатлуб | 15,0 | 20,0 | 17,3 | | 20,7 | 0,0 | 53,0 | 20,0 | 73,0 |
| 1.7 | Чопи маводи тарғиботӣ вобаста ба чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ | 30,0 | | 34,5 | | 41,4 | | 105,9 | 0,0 | 105,9 |
| | **Ҷамъи банди 1.** | **165,0** | **40,0** | **189,8** | **0,0** | **227,7** | **0,0** | **582,5** | **40,0** | **622,5** |
| 2. | Баргузории озмунҳо ва чорабиниҳои маърифатию фароғатӣ дар байни сарбозон ва афсарони ҷавон | | | | | | | | | |
| 2.1 | Бахшида ба Рӯзи Қувваҳои Муссаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 23 феврал | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 2.2 | Бахшида ба Рӯзи Ғалаба дар ҶБВ-9 май | 12,0 | | 13,8 | | 16,6 | | 42,4 | 0,0 | 42,4 |
| 2.3 | Фестивали ҷумҳуриявӣ "Суруди сарбоз" | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |
| 2.4 | Мусобиқаи варзишию оммавӣ дар байни Қисмҳои ҳарбию мудофиавӣ "Ҳомии Ватан" | 16,0 | | 18,4 | | 22,1 | | 56,5 | 0,0 | 56,5 |
| 2.5 | Вохӯриҳо дар байни ҷавонон оид ба таблиғи ғояҳои ватандӯсти, ахлоқи ҳамида ва фарҳангшиносӣ | 14,0 | | 16,1 | | 19,3 | | 49,4 | 0,0 | 49,4 |
| | **Ҷамъи банди 2.** | **77,0** | **0,0** | **88,6** | **0,0** | **106,3** | **0,0** | **271,8** | **0,0** | **271,8** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Таҳия ва татбиқи босамари Барномаи “Ихтиёриёни ҷавон” ҷиҳати ҷалби ҷавонони ихтиёрӣ барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон | | | | | | | | | |
| 3.1 | Корҳои ташкилӣ оид ба таҳияи Барномаи “Ихтиёриёни ҷавон” | 5,0 | | | | | | 5,0 | 0,0 | 5,0 |
| 3.2 | Семинари методию амалӣ барои мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон оид ба татбиқи Барномаи “Ихтиёриёни ҷавон” | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| | **Ҷамъи банди 3.** | **20,0** | **0,0** | **17,3** | **0,0** | **20,7** | **0,0** | **58,0** | **0,0** | **58,0** |
| 4. | Татбиқи чорабиниҳо дар доираи Барномаи “Ихтиёриёни ҷавон” ҷиҳати ҷалби ҷавонони ихтиёрӣ барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи қуввахои мусаллаҳи Тоҷикистон | | | | | | | | | |
| 4.1 | Мулоқотҳо дар байни калонсол-он ва ҷавонон оид ба татбиқи Барномаи “Ихтиёриёни ҷавон” | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| | **Ҷамъи банди 4.** | **10,0** | **0,0** | **11,5** | **0,0** | **13,8** | **0,0** | **35,3** | **0,0** | **35,3** |
| 5. | Ташкил чорабиниҳо тавассути ВАО вобаста ба татбиқи босамари принсипҳои таблиғии сиёсати давлатии ҷавонон | | | | | | | | | |
| 5.1 | Барномаҳои тарғибӣ оид ба фаъолгардонии сиёсию маънавии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5.2 | Барномаи (ролики) тарғиботӣ оид ба нақши ҷавонон дар пешбурди кишвар | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| | **Ҷамъи банди 5.** | **25,0** | **0,0** | **28,8** | **0,0** | **34,5** | **0,0** | **88,3** | **0,0** | **88,3** |
| | **II. Рушди имконоти иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон** | | | | | | | | | |
| 6. | Дастгирии лоиҳаҳои ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавонон дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ" | | | | | | | | | |
| 6.1 | Дар самти фаъолнокии сиёсии ҷавонон | 33,0 | 15,0 | 38,0 | 18,0 | 45,5 | 21,6 | 116,5 | 54,6 | 171,1 |
| 6.2 | Дар самти ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон | 33,0 | 10,0 | 38,0 | 12,0 | 45,5 | 14,4 | 116,5 | 36,4 | 152,9 |
| 6.3 | Дар самти паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон | 45,0 | 10,0 | 51,8 | 12,0 | 62,1 | 14,4 | 158,9 | 36,4 | 195,3 |
| 6.4 | Дар самти рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон | 50,0 | 15,0 | 57,5 | 18,0 | 69,0 | 21,6 | 176,5 | 54,6 | 231,1 |
| 6.5 | Дар сатми танзими оила ва солимии репродуктивӣ | 30,0 | 10,0 | 34,5 | 12,0 | 41,4 | 14,4 | 105,9 | 36,4 | 142,3 |
| 6.6 | Дар самти рушди эҷодкориҳо дар байни ҷавонон | 45,0 | 20,0 | 51,8 | 24,0 | 62,1 | 28,8 | 158,9 | 72,8 | 231,7 |
| 6.7 | Дар самти пешгирии хариду фурӯши одамон | 40,0 | 20,0 | 46,0 | 24,0 | 55,2 | 28,8 | 141,2 | 72,8 | 214,0 |
| | **Ҷамъи банди 6.** | **276,0** | **100,0** | **317,4** | **120,0** | **380,9** | **144,0** | **974,3** | **364,0** | **1338,3** |
| 7. | Ташкили чорабиниҳои методию амалӣ дар самти рушди соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ дар байни ҷавонон | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7.1 | Семинар-машварати ҷумҳуриявӣ оид ба ҷалби ҷавонони соҳибкор ба ташаккули фаъолияти истеҳсолӣ | 20,0 | 15,0 | 23,0 | 18,0 | 27,6 | 21,6 | 70,6 | 54,6 | 125,2 |
| 7.2 | Дастгирии молиявии лоиҳаҳо дар самти соҳибкории истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ | 30,0 | 35,0 | 34,5 | 42,0 | 41,4 | 50,4 | 105,9 | 127,4 | 233,3 |
| | **Ҷамъи банди 7.** | **50,0** | **50,0** | **57,5** | **60,0** | **69,0** | **72,0** | **176,5** | **182,0** | **358,5** |
| 8. | Ташкили чорабиниҳо оид ба паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон | | | | | | | | | |
| 8.1 | Устувор гардонидани фаъолияти Махзани доимоамалкунандаи иттилоотӣ оид ба ҷойҳои кории холӣ | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 8.2 | Давраҳои омӯзишӣ оид ба омӯз-онидани ҷавонони бекор бо забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |
| | **Ҷамъи банди 8.** | **30,0** | **0,0** | **34,5** | **0,0** | **41,4** | **0,0** | **105,9** | **0,0** | **105,9** |
| 9. | Баргузории чорабиниҳо оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон | | | | | | | | | |
| 9.1 | Мулоқотҳо оид ба расмикунонии муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон | 25,0 | | 28,8 | | 34,5 | | 88,3 | 0,0 | 88,3 |
| 9.2 | Мулоқотҳо бо муҳоҷирони меҳнатӣ, аз қабили ҷавонон дар хориҷи кишвар, аз ҷумла Феде-ратсияи Росия оид ба танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ | 30,0 | 15,0 | 34,5 | 18,0 | 41,4 | 21,6 | 105,9 | 54,6 | 160,5 |
| | **Ҷамъи банди 9.** | **55,0** | **15,0** | **63,3** | **18,0** | **75,9** | **21,6** | **194,2** | **54,6** | **248,8** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10. | Ташкили чорабиниҳои маъриф-атӣ оид ба бартараф намудани мушкилоти ҳаётӣ дар ҳаёти оилаҳои ҷавон ва ҷавонон | | | | | | | | | |
| 10.1 | Мулоқотҳо оид ба танзими оила ва расму оинҳои миллӣ | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 10.2 | Мизҳои мудаввари минтақавӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои никоҳи барвақти ва танзими оила | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |
| | **Ҷамъи банди 10.** | **35,0** | **0,0** | **40,3** | **0,0** | **48,3** | **0,0** | **123,6** | **0,0** | **123,6** |
| 11. | Дастгирии моддӣ ва молиявии ҷавонон аз оилаҳои камбизоат | | | | | | | | | |
| 11.1 | Дастгирии моддии ҷавонон аз оилаҳои камбизоат вобаста ба беҳдошти вазъи зиндагӣ | 25,0 | | 28,8 | | 34,5 | | 88,3 | 0,0 | 88,3 |
| 11.2 | Дастгирии молиявии ҷавонон аз оилаҳои камбизоат вобаста ба беҳдошти вазъи зиндагӣ | 25,0 | | 28,8 | | 34,5 | | 88,3 | 0,0 | 88,3 |
| 11.3 | Дастгирии моддӣ ва молиявии мактаб-интернатҳо ва хонаҳои бачагон | 30,0 | | 34,5 | | 41,4 | | 105,9 | 0,0 | 105,9 |
| | **Ҷамъи банди 11.** | **80,0** | **0,0** | **92,0** | **0,0** | **110,4** | **0,0** | **282,4** | **0,0** | **282,4** |
| 12. | Баргузории чорабиниҳо оид ба пешгирии омилҳои номатлуб, аз қабили нашъаҷалобӣ, одамкушӣ, хариду фурӯши одамон, таҷовуз ба номус ва ғ. дар байни ҷавонон | | | | | | | | | |
| 12.1 | Театрҳои сайёр оид ба пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон | 0,0 | | 20,0 | | 24,0 | | 44,0 | 0,0 | 44,0 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 12.2 | Мулоқотҳо дар самти маърифатнокии ҷавонон ва эмин доштани онҳо аз ҷинояткорӣ, аз ҷумла нашъаҷалобӣ ва хариду фурӯши одамон | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 12.3 | Семинар-машваратҳои минтақавӣ оид ба баррасии ҳолатҳои ҷинояткорӣ ва оқибатҳои он дар байни наврасон ва ҷавонон | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 12.4 | Ташкили Маҳфилҳои минтақавии ҷав-онон оид ба пешгирии хариду фурӯши одамон | 20,0 | 40,0 | 23,0 | 48,0 | 27,6 | 57,6 | 70,6 | 145,6 | 216,2 |
| | **Ҷамъи банди 12.** | **45,0** | **40,0** | **71,8** | **48,0** | **86,1** | **57,6** | **202,9** | **145,6** | **348,5** |
| 13. | Ташкили чорабиниҳои маърифатию омӯзишӣ ва методӣ оид ба таъсис ва рушди фаъолияти марказҳои ҷавонон ва ҳаракатҳои ташаббускори ҷавонон | | | | | | | | | |
| 13.1 | Семинари ҷумҳуриявии методию амалӣ оид ба таъсис ва рушди (устувории) фаъолияти марказҳои ҷавонон | 25,0 | 10,0 | 28,8 | 12,0 | 34,5 | 14,4 | 88,3 | 36,4 | 124,7 |
| 13.2 | Баргузории лагерҳои тобистона барои ихтиёриёни ҷавон | 30,0 | 15,0 | 34,5 | 20,0 | 41,4 | 25,0 | 105,9 | 60,0 | 165,9 |
| | **Ҷамъи банди 13.** | **55,0** | **25,0** | **63,3** | **32,0** | **75,9** | **39,4** | **194,2** | **96,4** | **290,6** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14. | Дастгирии моддӣ ва молиявии марказҳои ҷавонон ва ҳаракатҳои ташаббускори ҷавонон | | | | | | | | | |
| 14.1 | Харидори дастгоҳҳои техникӣ (компютерӣ, дузандагӣ ва ғ.) ва мебел барои марказҳои ҷавонон | 30,0 | 30,0 | 34,5 | 36,0 | 41,4 | 43,2 | 105,9 | 109,2 | 215,1 |
| 14.2 | Дастгирии молиявии марказҳои ҷавонон вобаста ба устуворгардонии фаъолият | 40,0 | 10,0 | 46,0 | 12,0 | 55,2 | 14,4 | 141,2 | 36,4 | 177,6 |
| | **Ҷамъи банди 14.** | **70,0** | **40,0** | **80,5** | **48,0** | **96,6** | **57,6** | **247,1** | **145,6** | **392,7** |
| **III. Рушди саломатии ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 15. | Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | | | | | | | | | |
| 15.1 | Тренингҳои (машғулиятҳои) омӯзишӣ оид ба такмили малкаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон (омода сохтани тренерон), аз ҷумла аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобаста ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | 30,0 | 20,0 | 34,5 | 24,0 | 41,4 | 28,8 | 105,9 | 72,8 | 178,7 |
| 15.2 | Тренингҳои (машғулиятҳои) омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши наврасон ва ҷавонон оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | 20,0 | 15,0 | 23,0 | 18,0 | 27,6 | 21,6 | 70,6 | 54,6 | 125,2 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15.3 | Тренингҳои (машғулиятҳои) омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши наврасон ва ҷавонон аз гурӯҳҳои осебпазир оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | 15,0 | 10,0 | 17,3 | 12,0 | 20,7 | 14,4 | 53,0 | 36,4 | 89,4 |
| 15.4 | Театрҳои сайёр оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | 20,0 | 15,0 | 23,0 | 18,0 | 27,6 | 21,6 | 70,6 | 54,6 | 125,2 |
| 15.5 | Харидорӣ ва таъмини дастгоҳи компютерӣ ва мебел ба Маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон вобаста ба устувории фаъолият дар самти баргузории ҷорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар маҳалҳо | 0,0 | | 40,0 | | 48,0 | | 88,0 | 0,0 | 88,0 |
| | **Ҷамъи банди 15.** | **85,0** | **60,0** | **137,8** | **72,0** | **165,3** | **86,4** | **388,1** | **218,4** | **606,5** |
| 16. | Баргузории тадқиқотҳои сотсиологӣ оид ба муайян сохтани омилҳои сар задани зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон | | | | | | | | | |
| 16.1 | Оид ба муайян сохтани омилҳои сар задани бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар байни ҷавонон | | | 30,0 | 70,0 | | | 30,0 | 70,0 | 100,0 |
| 16.2 | Оид ба муайян сохтани омилҳои сар задани ВНМО/БПНМ дар байни ҷавонон | 40,0 | 45,0 | | | | | 40,0 | 45,0 | 85,0 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҷамъи банди 16.** | **40,0** | **45,0** | **30,0** | **70,0** | **0,0** | **0,0** | **70,0** | **115,0** | **185,0** |
| 17. | Ташкили чорабиниҳои маърифатӣ оид ба масъалаҳои танзими оила ва саломатии репродуктивии ҷавонон | | | | | | | | | |
| 17.1 | Тренингҳои (машғулиятҳои) омӯзишӣ оид ба такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон (омода сохтани тренерон), аз ҷумла аз ташкилотҳои ҷамъияти дар самти танзими оила ва саломатии репродуктивии ҷавонон | 30,0 | 25,0 | 34,5 | 30,0 | 41,4 | 36,0 | 105,9 | 91,0 | 196,9 |
| 17.2 | Тренингҳои (машғулиятҳои) омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши наврасон ва ҷавонон дар самти танзими оила ва саломатии репродуктивии ҷавонон | 20,0 | 20,0 | 23,0 | 24,0 | 27,6 | 28,8 | 70,6 | 72,8 | 143,4 |
| | **Ҷамъи банди 17.** | **50,0** | **45,0** | **57,5** | **54,0** | **69,0** | **64,8** | **176,5** | **163,8** | **340,3** |
| **IV. Мусоидат ба таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 18. | Ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод | | | | | | | | | |
| 18.1 | Чопи дастурҳои методию амалӣ оид ба ташкили озмунҳо | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 18.2 | Эълони озмунҳо тариқи ВАО ва сомонаҳои тарғиботии интернетӣ | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| | **Ҷамъи банди 18.** | **25,0** | **0,0** | **28,8** | **0,0** | **34,5** | **0,0** | **88,3** | **0,0** | **88,3** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 19. | Амалигардонии Ҷоизаи Кумита оид ба эҷодиёти ҷавонон | | | | | | | | | |
| 19.1 | Ҷопи маводҳои ифтихории Ҷоиза оид ба эҷодиёти ҷавонони Тоҷикистон | 12,0 | | 13,8 | | 16,6 | | 42,4 | 0,0 | 42,4 |
| 19.2 | Таъмини маблағи Ҷоиза оид ба эҷодиёти ҷавонони Тоҷикистон (ҳар кадом ба маблағи беш аз 4000 сомонӣ) | 25,0 | | 28,8 | | 34,5 | | 88,3 | 0,0 | 88,3 |
| | **Ҷамъи банди 19.** | **37,0** | **0,0** | **42,6** | **0,0** | **51,1** | **0,0** | **130,6** | **0,0** | **130,6** |
| 20. | Дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод | | | | | | | | | |
| 20.1 | Дастгирии молиявии лоиҳаҳои ҷавонони соҳибистеъдод дар амалигардонии эҷодиёти онҳо | 30,0 | | 34,5 | | 41,4 | | 105,9 | 0,0 | 105,9 |
| 20.2 | Ташкили барномаҳо тариқи ВАО вобаста ба тарғиби офаридаҳои ҷавонони соҳибистеъдод | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| | **Ҷамъи банди 20.** | **40,0** | **0,0** | **46,0** | **0,0** | **55,2** | **0,0** | **141,2** | **0,0** | **141,2** |
| 21. | Ташкили давраҳои иловагии омӯзиши забонҳои хориҷӣ, малакаҳои кор бо технологияи иттилоотӣ, дузандагӣ, қолинбофӣ ва ғайра | | | | | | | | | |
| 21.1 | Давраҳои омӯзиши забони англисӣ | 30,0 | | 34,5 | | 41,4 | | 105,9 | 0,0 | 105,9 |
| 21.2 | Давраҳои омӯзиши забони русӣ | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |
| 21.3 | Давраҳои омӯзиши малакаҳои кор бо компютер | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 21.4 | Давраҳои омӯзиши усулҳои таҳияи барномаҳои компютерӣ | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21.5 | Даврахои омӯзиши малакаҳои дузандагӣ барои духтарон | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 21.6 | Даврахои омӯзиши малакаҳои эҳёи ҳунарҳои аҷдодӣ, аз ҷумла қолинбофӣ | 0,0 | | 15,0 | | 18,0 | | 33,0 | 0,0 | 33,0 |
| | **Ҷамъи банди 21.** | **90,0** | **0,0** | **118,5** | **0,0** | **142,2** | **0,0** | **350,7** | **0,0** | **350,7** |
| 22. | Амалигардонии стипендияи Кумита барои ҷавонони фаъол аз ҳисоби хонандагон ва донишҷӯён | | | | | | | | | |
| 22.1 | Чопи маводи стипендияи Кумита | 7,0 | | 8,1 | | 9,7 | | 24,7 | 0,0 | 24,7 |
| 22.2 | Таъмини маблағи Стипендияи Кумита (ҳар кадом ба маблағи беш аз 200 сомонӣ) | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 22.3 | Элони озмун барои дарёфти стипендияи Кумита тариқи ВАО | 0,0 | | 5,0 | | 6,0 | | 11,0 | 0,0 | 11,0 |
| | **Ҷамъи банди 22.** | **22,0** | **0,0** | **30,3** | **0,0** | **36,4** | **0,0** | **88,7** | **0,0** | **88,7** |
| | **V. Рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон** | | | | | | | | | |
| 23. | Таъсиси Маркази миллии такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | | | | | | | | | |
| 23.1 | Ҷалби машваратчиён оид ба таҳияи асноди меъёрию ҳуқуқии Маркази миллии такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | 0,0 | | 10,0 | | 0,0 | | 10,0 | 0,0 | 10,0 |
| 23.2 | Форуми ҷумҳуриявӣ оид ба муҳокимаи асноди меъёрию ҳуқуқӣ ва фаъолияти Маркази миллии такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон дар Тоҷикистон | | | 20,0 | 15,0 | | | 20,0 | 15,0 | 35,0 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 23.3 | Сафари таҷрибаомӯзии мутахассисон ба кишварҳои дорои таҷрибаи амалӣ оид ба фаъолияти институтҳои такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | | | 20,0 | 12,0 | | | 20,0 | 12,0 | 32,0 |
| 23.4 | Харидории адабиёти алоқаманд вобаста ба ташкили фаъолияти Маркази миллии такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | 0,0 | | 10,0 | | 12,0 | | 22,0 | 0,0 | 22,0 |
| | **Ҷамъи банди 23.** | **0,0** | **0,0** | **60,0** | **27,0** | **12,0** | **0,0** | **72,0** | **27,0** | **99,0** |
| 24. | Мусоидат ба олимон ва муҳаққиони ҷавон дар самти амалигардонии тадқиқотҳои илмию амалӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон | | | | | | | | | |
| 24.1 | Чопи дастурҳо ва китобҳои олимони ҷавон | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 24.2 | Дастгирии молиявии тадқиқотҳои илмию амалии олимон ва муҳақиқони ҷавон дар дохили кишвар (дар шароитҳои коркарди лабораторӣ) | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| | **Ҷамъи банди 24.** | **25,0** | **0,0** | **28,8** | **0,0** | **34,5** | **0,0** | **88,3** | **0,0** | **88,3** |
| 25. | Баргузории конференсияҳои илмию амалӣ вобаста ба амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ва хориҷ | | | | | | | | | |
| 25.1 | Чопи маводи конференсия, аз ҷумла маҷмӯаи мақолаҳо | 12,0 | | 13,8 | 0,0 | 16,6 | 0,0 | 42,4 | 0,0 | 42,4 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 25.2 | Корҳои ташкилии конференсияҳои илмию амалӣ вобаста ба амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ва ҷаҳон | 18,0 | 15,0 | 20,7 | 18,0 | 24,8 | 21,6 | 63,5 | 54,6 | 118,1 |
| | **Ҷамъи банди 25.** | **30,0** | **15,0** | **34,5** | **18,0** | **41,4** | **21,6** | **105,9** | **54,6** | **160,5** |
| 26. | Такмили Омори сиёсати давлатии ҷавонон | | | | | | | | | |
| 26.1 | Ҷалби машваратчиён оид ба таҳия ва коркарди Махзани иттилоотии Омори сиёсати давлатии ҷавонон | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 26.2 | Семинари методию амалӣ барои мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон оид ба татбиқи Омори сиёсати давлатии ҷавонон | 25,0 | | 28,8 | | 34,5 | | 88,3 | 0,0 | 88,3 |
| 26.3 | Чопи Омори сиёсати давлатии ҷавонон | 5,0 | | 5,8 | | 6,9 | | 17,7 | 0,0 | 17,7 |
| | **Ҷамъи банди 26.** | **45,0** | **0,0** | **51,8** | **0,0** | **62,1** | **0,0** | **158,9** | | **158,9** |
| 27. | Баргузории тадқиқотҳои сотсиологӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | | | | | | | | | |
| 27.1 | Тадқиқоти сотсиологӣ оид ба фаъолнокии иқтисодии ҷавонон | | | 15,0 | 15,0 | | | 15,0 | 15,0 | 30,0 |
| 27.2 | Тадқиқоти сотсиологӣ оид ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон | | | | | 20,0 | 12,0 | 20,0 | 12,0 | 32,0 |
| 27.3 | Чопи натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ | | | 15,0 | | 18,0 | | 33,0 | | 33,0 |
| | **Ҷамъи банди 27.** | **0,0** | **0,0** | **30,0** | **15,0** | **38,0** | **12,0** | **68,0** | **27,0** | **95,0** |
| 28. | Таҳия ва чопи маводи илмӣ, методӣ ва амалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 28.1 | Чопи дастури иттилоотию амалӣ оид ба омодагӣ ба дифои ҳарбии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 28.2 | Чопи дастури иттилоотию тавсиявӣ оид ба гиромидошти муқадассоти Ватан | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 28.3 | Чопи китобҳо оид ба корнамоиҳои қаҳрамонони халқи тоҷик | 15,0 | | 17,3 | | 20,7 | | 53,0 | 0,0 | 53,0 |
| 28.4 | Чопи дастури методию амалӣ оид ба рушди сиёсати иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 28.5 | Чопи дастури иттилоотӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 28.6 | Чопи китобҳои илмию амалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |
| | **Ҷамъи банди 28.** | **80,0** | **0,0** | **92,0** | **0,0** | **110,4** | **0,0** | **282,4** | **0,0** | **282,4** |
| **29.** | Ташкили китобхона вобаста ба амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир | | | | | | | | | |
| 29.1 | Харидории дастгоҳҳои компютерӣ ва мебел барои ташкили китобхона | | | 25,0 | | | | 25,0 | 0,0 | 25,0 |
| 29.2 | Ҷамъоварӣ ва нусхабардории китобҳо ва дастурҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | | | 20,0 | | 24,0 | | 44,0 | 0,0 | 44,0 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 29.3 | Харидории китобҳо оид ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ва хориҷ | | | 15,0 | | 18,0 | | 33,0 | 0,0 | 33,0 |
| | **Ҷамъи банди 29.** | **0,0** | **0,0** | **60,0** | **0,0** | **42,0** | **0,0** | **102,0** | **0,0** | **102,0** |
| | **VI. Такмили ихтисоси мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ** | | | | | | | | | |
| 30. | Баргузории давраҳои омӯзишӣ оид ба такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | | | | | | | | | |
| 30.1 | Чопи маводҳо барои такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 30.2 | Баргузории давраҳои омӯзишӣ барои такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон | 30,0 | | 34,5 | | 41,4 | | 105,9 | 0,0 | 105,9 |
| 30.3 | Баргузории давраҳои омӯзишӣ барои сарварони ҷавон | 25,0 | 15,0 | 28,8 | 18,0 | 34,5 | 21,6 | 88,3 | 54,6 | 142,9 |
| | **Ҷамъи банди 30.** | **65,0** | **15,0** | **74,8** | **18,0** | **89,7** | **21,6** | **229,5** | **54,6** | **284,1** |
| 31. | Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар | | | | | | | | | |
| 31.1 | Сафарҳо дар доираи фаъолияти Шӯрои оид ба кор бо ҷавонон Созмони ҳамкориҳои Шанхай | | | 10,0 | | 12,0 | | 22,0 | 0,0 | 22,0 |
| 31.2 | Сафарҳо дар доираи фаъолияти Шӯрои оид ба кор бо ҷавонони ИДМ | 20,0 | | 23,0 | | 27,6 | | 70,6 | 0,0 | 70,6 |
| 31.3 | Сафарҳо дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ | 25,0 | | 28,8 | | 34,5 | | 88,3 | 0,0 | 88,3 |
| | **Ҷамъи банди 31.** | **45,0** | **0,0** | **61,8** | **0,0** | **74,1** | **0,0** | **180,9** | **0,0** | **180,9** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 32. | Ташкили чорабиниҳо дар самти таблиғи ғояҳои фарҳанги миллӣ дар байни ҷавонони хориҷии муқими Тоҷикистон | | | | | | | | | |
| 32.1 | Баргузории чорабиниҳои Маҳфили ҳамбастагӣ | 10,0 | | 11,5 | | 13,8 | | 35,3 | 0,0 | 35,3 |
| 32.2 | Баргузории чорабиниҳо бахшида ба санаҳои таърихии ҷавонони хориҷии муқими Тоҷикистон | 10,0 | 12,0 | 11,5 | 14,4 | 13,8 | 17,3 | 35,3 | 43,7 | 79,0 |
| | **Ҷамъи банди 32.** | **20,0** | **12,0** | **23,0** | **14,4** | **27,6** | **17,3** | **70,6** | **43,7** | **114,3** |
| | **ҲАМАГӢ** | **1692,0** | **502,0** | **2164,1** | **614,4** | **2472,9** | **615,9** | **6328,9** | **1732,3** | **8061,2** |

**КУМИТАИ ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## ҚАРОРИ МУШОВАРА

**аз «15» ноябри соли 2012 5.1 ш.Душанбе**

### Доир ба тасдиқи Низомномаи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

Дар асоси банди VII. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 тасдиқ гардидааст (минбаъд Барнома), бо мақсади танзим, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии тамоми фаъолияти ҳамбаста ба татбиқи босамари Барнома ва мутобиқи зербанди 3 банди 11 Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №609 тасдиқ шудааст, Мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи замимагардидаи Низомномаи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (минбаъд Низомнома) тасдиқ карда шавад.

2. Раёсати кор бо ҷавонон фаъолияти самараноки Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии Барномаро тибқи

Низомномаи мазкур таъмин созад.

3. Котиботи Комиссия дар мӯҳлати наздиктарин Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаро барои соли 2013 таҳия намуда, барои тасдиқ ба Мушовараи Кумита пешниҳод намояд.

4. Котиботи Комиссия тибқи муқаррароти Низомнома тартибҳои алоқаманд ва Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаро мунтазам барои ҳар се моҳ таҳия намуда, татбиқи босамари онҳоро таъмин намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали Раиси Кумита Ҷӯраев К. гузошта шавад[1].

Раис М.Неъматов

Бо қарори Мушовараи
Кумитаи ҷавонон, варзиш ва
сайёҳии назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 15 ноябри соли 2012 №5.1
тасдиқ карда шуд.

# НИЗОМНОМАИ
## Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи мазкур дар асоси банди VII. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 тасдиқ гардидааст (минбаъд Барнома) тартиб дода шуда, салоҳият ва низоми фаъолияти Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозиро вобаста ба татбиқи босамари Барнома (минбаъд Комиссия) муқаррар месозад.

1.2. Комиссия фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, дигар қонунгузории ҷумҳурӣ, аснод ва барномаҳои дахлдори байналмилалии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.3. Ҳайати Комиссия аз ҳисоби масъулони мақомоти давлатии ваколатдори кор бо ҷавонон дар сатҳи ҷумҳурӣ, тандурустӣ, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кор бо занон ва оила ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар

муовифиқаи тарафҳо ташкил дода мешавад (замимаи 1.).

1.4. Комиссия вобаста ба танзим, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии тамоми масъалаҳои алоқаманд ба татбиқи босамари чорабиниҳои банақшагирифташудаи Барнома масъул мебошад.

1.5. Суроғаи асосии фаъолияти кори Комиссия бинои марказии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

## 2. МАҚСАД, ВАЗИФАҲО ВА ӮҲДАДОРИҲОИ КОМИССИЯ

2.1. Мақсади асосии Комиссия ин танзим, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии тамоми фаъолияти ҳамбаста ба татбиқи босамари Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 мебошад.

2.2. **Вазифаҳои асосии Комиссия дар доираи татбиқи чорабиниҳои Барнома иборатанд аз**:

2.2.1. Қабули қарорҳои дахлдор вобаста ба баррасӣ ва ҳалли мушкилоти дар самти татбиқи Барнома ва дар ҳаёти ҷавонон ба вуқӯъ омада;

2.2.2. Ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии фаъолияти сохторҳои Кумита ва марказҳои ҷавонон, вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии дахлдор вобаста ба татбиқи чорабиниҳои алоқаманди Барнома;

2.2.3. Арзёбӣ, баҳодиҳӣ ва такмили барномаҳои маҳаллӣ;

2.2.4. Ҷалб ва ҳамоҳангсозии маблағгузорӣ барои татбиқи самараноки Барнома.

2.3. Котиботи Комиссия ӯҳдадор аст:

2.3.1. Корҳои амалию ташкилӣ ва ҳамоҳангсозии ҷараёни маблағгузории Барномаро пеш барад;

2.3.2. Ҳар се моҳ як маротиба маҷлиси Комиссияро ташкил намояд;

2.3.3. Дархостҳои воридгардидаро ҷамъоварӣ намуда, тибқи Нақшаи маблағгузории Барнома дар шакли Ҷадвали

маблағгузории чорабиниҳои Барнома барои семоҳаи оянда ҷиҳати баррасӣ ва тасдиқ ба аъзоёни Комиссия пешниҳод намояд;

2.3.4. Суратҷаласаҳои Комиссияро омода созад;

2.3.5. Қарори Комиссия ва ҳуҷҷатҳои алоқамандро барои мувофиқа ва тасдиқ ба Мушовараи Кумита пешниҳод намояд;

2.3.6. Тартибҳо ва шаклҳои алоқаманди танзимкунандаи ҷараёни маблағгузории Барномаро таҳия намояд;

2.3.7. Ҳар се моҳ як маротиба оид ба маблағгузории Барнома ба Комиссия ҳисоботи мушаххас пешниҳод намояд;

## 3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ КОМИССИЯ

3.1. Асоси ҳуқуқии Комиссия Маҷлиси/Мушовараи он мебошад, ки на кам аз як маротиба дар се моҳ гузаронида шуда, вобаста ба ҷараёни татбиқи Барнома қарорҳои зарурӣ қаубл менамояд. Маҷлиси Комиссия дар ҳолати иштироки на кам аз 50% аъзоёни он метавонад доир гардад.

3.2. **Комиссия (аъзоёни Комиссия) дар доираи татбиқи чорабиниҳои Барнома ҳуқуқ дорад**:

3.2.1. Тартиби маблағгузории Барнома, бахусус тартиби дастгирии молиявии ҷавонони ниёзманд, ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон, шаклҳои алоқаманди фармоиш, арзёбӣ ва баҳодиҳӣ, ҳисоботӣ, санадҳои харид ва қабул, дархостҳо ва ғайраро баррасӣ ва тасдиқ намояд;

3.2.2. Санадҳои бевоситаи таъмини маблағгузории Барнома, бахусус харҷномаҳо, дархостҳо санадҳои харид ва қабул ва ғайраро баррасӣ ва тасдиқ намояд;

3.2.3. Фаъолияти сохторҳои Кумита ва марказҳои ҷавонон, вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии дахлдорро вобаста ба татбиқи чорабиниҳои алоқаманди Барнома ҳамоҳанг созад;

3.2.4. Ҷараёни татбиқи барномаҳои маҳаллиро арзёбӣ

намояд.

3.3. Котиботи Комиссия ҳуқуқ дорад:

3.3.1. Дар сурати ба талабот ва ё тартиби муқарраргардида ҷавобгӯй набудани дархостҳо, онҳро мустақилона рад намояд;

3.3.2. Ба ҳамаи хароҷотномаҳо имзо гузорад;

3.3.3. Ҷараёни азхудкунии босамари маблағгузории Барномаро арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намояд.

3.3.4. Ҷараёни азхудкунии босамари маблағгузории барномаҳои маҳаллиро арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намояд.

3.4. Раиси (муовини раиси[1]) Комиссия ҳуқуқ дорад:

3.4.1. Тамоми санадҳои алоқаманди Барномаро, бахусус хароҷотномаҳо, суратҷаласаҳо ва ғайраро тасдиқ намояд;

3.4.2. Пешниҳоду дархостҳои алоқамандро, ки агар ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯй набошад рад намояд;

3.4.3. Ҷараёни азхудкунии босамари маблағгузории Барномаро арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намояд;

3.4.4. Ҳам аз котибот ва ҳам аз иҷрокунандагони бевоситаи Барнома ҳисобот талаб намояд;

3.4.5. Барои тағйир додани ҳайати Комиссия ба Мушовараи Кумита номзадҳои муносибро пешниҳод намояд;

3.4.6. Маҷлисҳои ғайринавбатии Комиссияро даъват намояд.

3.5. Комиссия фаъолияти назоратӣ ва баҳодиҳиро нисбат ба вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъятии дахлдор ба роҳ мемонад.

3.6. Раиси Комиссия бо дарназардошти ҳолатҳои фавқулода ва таъҷилӣ ҳайати Комиссияро (нақшавӣ ва ё ғайринақшавӣ) даъват намуда, нисбат ба мушкилоти пешомада чораҳои зарурӣ меандешад.

3.7. Дар ҷаласаҳои Комиссия Суратҷаласа тартиб дода шуда, аз натиҷаи он ба соҳаҳои дахлдор иттилооти зарурӣ расонида мешавад.

3.8. Фаъолияти умумии Комиссия дар сатҳи миллӣ аз

ҷониби Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг сохта мешавад.

3.9. Ҳамоҳангсози миллӣ тамоми пешниҳодҳо ва дархостҳои алоқамандро барои баррасӣ ба Комиссия пешниҳод менамояд ва дар сурати зарурӣ дастгирӣ намудани онҳоро талаб менамояд.

3.10. Тамоми қарорҳои қабулгардида ва дархостҳои барои маблағгузорӣ омодагардида, дар шакли фармоиш аз ҷониби раиси Комиссия имзо ва аз ҷониби ҳамоҳангсози миллӣ (раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) мӯҳр гузошта мешавад (тасдиқ карда мешавад).

---

[1] Дар сурати набудани раиси Комиссия

Замимаи 1.

Рӯйхати
аъзоёни Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид
ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

| № | Ӯҳдадорӣ дар Комиссия | Номгӯи ташкилотҳо |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамоҳангсози миллӣ | Раиси Кумита |
| 2. | Раиси Комиссия | Муовини аввали Раиси Кумита |
| 3. | Муовини раиси Комиссия | Муовини Раиси Кумита оид ба масъалаҳои кор бо ҷавонон |
| 4. | Аъзо | Сардори Раёсати кор бо ҷавонон |
| 5. | Аъзо | Мудири Шӯъбаи молия ва ҳисобдорӣ |
| 6. | Аъзо | Сармутахассиси Бахши хоҷагидорӣ ва ташкилӣ |
| 7. | Аъзо | Намояндаи масъули Вазорати тандурустӣ |
| 8. | Аъзо | Намояндаи масъули Вазорати маориф |
| 9. | Аъзо | Намояндаи масъули Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 10. | Аъзо | Намояндаи масъули Кумитаи кор бо занон ва оила |
| 11. | Аъзо | Намояндаи масъули Иттифоқи «Ҷавонони Тоҷикистон» |
| 12. | Аъзо | Намояндаи масъули Иттиҳодияи ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон» |
| 13. | Котиб | Муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон |

## Ҳайати котиботи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

Котиботи Комиссияро кормандони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати зерин ташкил медиҳад:

| № | Номгӯи вазифа | Ӯҳдадорӣ дар Комиссия |
|---|---|---|
| 1. | **Неъматов М.М.**, Раиси Кумита | Ҳамоҳангсози миллӣ |
| 2. | **Ҷӯраев К.К.**, муовини аввали Раиси Кумита | Раиси Комиссия |
| 3. | **Муинова М.М.**, муовини Раиси Кумита оид ба масъалаҳои кор бо ҷавонон | Муовини раиси Комиссия |
| 4. | **Мирaлиев Қ.А.** – муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон | Котиби Комиссия |

Суроғаи электронӣ барои тамос:
www.youth.tj
grant@youth.tj,
k.miraliev@youth.tj

Барои қайд:

**Дастури методию амалӣ:**

**Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар Хадамоти нашриявии «САМТ» КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон», соли 2012, бо теъдоди 300 нусха чоп гардидааст.**